**Тақризи**

**беруна ба автореферати диссертатсияи номзадии Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна дар мавзӯи «Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи «Гардиши девбод»-и Абдулҳамид Самад» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик**

Тадқиқи бадеии таърих дар адабиёти муосири тоҷик чун падидаи ҷадид арзёбӣ мегардад. Халқи тоҷик, чун мардуми фарҳангӣ, дорои адабиёти бадеии классикии ғановатманде мебошад, ки зиёда аз ҳазор сол боз бо ғояҳои озодихоҳона, ватандӯстона, инсонпарварона ва алфози марғубу дилкаши худ ба ҷаҳониён ғизои маънавӣ мебахшад ва адибони муосир анъанаҳои неки бузургони сухангустари худро идома дода, дар кори таълиму тарбия ва таҳкими ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии миллати хеш ҳиссаи муносиб ҳамроҳ намудаанд.

Дар адабиёти давраи нав бо ташаббусҳои созандаи устод Айнӣ осори мансур ривоҷ гирифт ва дар даврони Шӯравӣ нависандагоне чун Ҳаким Карим, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Пӯлод Толис, Фазлиддин Муҳаммадиев, боиси инкишофу такомули насри давраи нави тоҷик гардиданд.

Яке аз нависандагоне, ки бо сабку услуби ба худ хос ба адабиёт ворид гардида, дар муддати умри бобаракати хеш мероси гаронбаҳову пурарзише ба ганҷинаи насри тоҷик ворид намуд, Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи А. Рудакӣ Абдулҳамид Самад (1990) мебошад, ки ба адабиёти муосири тоҷик бо тарзу равиши хосса ворид гардид.

Масъалаи рӯнамоии мавзӯи худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар адабиёти тоҷик муҳим арзёбӣ гардида, диссертант Ҳайдарова Сурайё кушидааст, ки инъикоси ин мавзӯъро дар нахустромани А. Самад «Гардиши девбод» (дар ҳаҷми ду китоб) таҳқиқу баррасӣ намояд, ки мо фишурдаи онро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Фишурдаи диссертатсия ба талаботу меъёрҳои муайянннамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, нусхаҳои тоҷикӣ ва русии он низ мутобиқи ин талабот омода шудаанд, ки онҳо аҳамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгониҳо ва аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва методологии таҳқиқ, нуктаҳои асосиро фаро гирифтаанд.

Аз муҳтавои фишурда маълум мешавад, ки масъалаи мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқ дар бобу зерфаслҳои алоҳида аниқтараш – муқаддима, се боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт ба таври хронологӣ ва бо низом баррасӣ ва натиҷагирӣ мешавад. Диссертант муҳиммияти мавзӯъро тафсир намуда, назди худ ҳадафу вазифаҳои мушаххаси илмию пажуҳишӣ мегузорад ва навгонии илмии таҳқиқи мавзӯъро асосан, дуруст нишон медиҳад.

Бобу фаслҳои рисола дар фишурда ба таври муҷазу возеҳ инъикос ёфтаанд. Маълум мешавад, ки боби аввал мухтасаран шомили аҳволу осори нависанда, марҳилаҳои рушди насри осор, композитсия ва мундариҷаи ғоявии асар, образҳои он буда, боби дуюм таҷассуми бадеии таърихро дар романи “Гардиши девбод”- и А. Самад дар бар мегирад.

Боби сеюми диссертатсия – «Хусусиятҳои миллии роман» аз се фасл иборат буда, он дар хусуси ҳаёти иҷтимоии мардум, муносибати онҳо ба рухододи ҳаводис, андешаҳои таҳлиливу муқоисавии онҳо баҳс мекунад, ки он аз ҷониби унвонҷӯ ҳадафмандона баррасӣ гардидааст.

Қисмати хулосаи фишурда нуктаҳои асосӣ ва муҳтавои таҳқиқро мухтасаран фаро гирифта, қобили қабул мебошад. Теъдоди мақолаҳои чопшуда низ ба талаботи роиҷ мувофиқанд.

Ба назари мо диссертант ба мақсаду вазифаҳои зерини дар назди худ гузоштааш муваффақ гаштааст:

- Баррасии мухтасари зиндагӣ ва осори А. Самад;
- Ба марҳалаҳо ҷудо намудани эҷодиёти нависанда;
- Таҳлили мухтасари образҳои асар;
- Баррасии муносибати нависанда ба воқеаҳои инқилоби Октябр;

- таҳқиқи мувофиқати тасвири бадеӣ ба воқеаҳои таърихии замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ;
- муайян намудани симои нависанда чун шоҳиди воқеаҳои ҷанги шаҳрвандӣ;
- таъкид намудани иртиботи “Гардиши девбод” ба ҳаёти иҷтимоӣ ва сунатҳои мардумӣ;
- нишон додани забон ва услуби нигориши асар чун ифодаи арзишҳои миллӣ;

Аз рӯи автореферати Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна муайян кардан мумкин аст, ки диссертатсияи номбурда дар мавзӯи “Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи “Гардиши девбод”-и Абдулҳамид Самад” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01.– Адабиёти тоҷик ба талаботи Низомномаи КОА-назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дараҷаи илмӣ мувофиқ буда, ӯ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ арзанда мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ,
и.в. дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик ва
журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ Зулфиев Гадомад Нурмадович

03.08.2020

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кулоб, куч. С. Сафаров, 16
Тел. (+992 33 22) 2-35-07, 905 55 97 05

Имзои Зулфиев Г.Н.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

03.08.2020